# Муҳаммад (с) Паёмбари башарият

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

**Д. Мустафо Сибоъӣ**

Мутарҷим: Мӯҳсин Шайхӣ

2011 - 1432

IslamHouse.com

# ﴿محمد صلى الله عليه وسلم نبي البشرية﴾

«باللغة الطاجيكية»

د. مصطفى السباعي

ترجمة: محسن شيخي

2011 - 1432

IslamHouse.com

## Феҳрасти матолиб


Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Худо ………… 7

Васфи ахлоқи Муҳаммад (с) ………………………… 8

Зиндагии шахсии Паёмбар (с) ……………………… 9

Зиндагии Паёмбар (с) дар манзил ………………… 10

Кор кардани Паёмбар (с) дар манзил …………….. 11

Рафтори Паёмбар (с) бо ёронаш …………………… 11

Хашят (тарсаш аз Худо) ва ибодати Паёмбар (с) ... 13

Таваҷҷуҳи Паёмбар (с) ба варзиш ва беҳдошти …. 15

Мазоҳ ва шӯхии Паёмбар (с) ………………………... 15

Фурутани ва гузашти Паёмбар (с) …………………. 17

Меҳрубони ва дилсӯзии Паёмбар (с) ……………… 19

Ҳамдардии Паёмбар (с) бо мардум ………………... 19

Зуҳд ва порсоии Паёмбар (с) ……………………….. 20

Инфоқ ва бахшиши Паёмбар (с) …………………… 21

Адолат ва қотеъияти Паёмбар (с) дар ичрои ҳақ .. 21

Шуҷоъати Паёмбар (с) дар ҷангҳо ………………… 22

Ишқ ва алоқаи Паёмбар (с) ба адои вазифа ва расондани рисолаташ ……………………………... 23

Дар поён ……………………………………….. 24

Худованд мефармояд:

﴿لَّقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِّمَن كَانَ يَرْجُواْ ٱللَّهَ وَٱلْيَوْمَ ٱلْءَاخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرًا ٢١﴾ [الأحزاب ٢١]

«Қатъан шуморо дар иқтидо ба расули Худо сармашқи некӯст, барои касе ки ба Худо ва рӯзи бозпасин умед дорад ва Худоро бисёр ёд мекунад» Аҳзоб 21.

Ҳазрати Муҳаммад (с) Паёмбари мо инсонҳост, дилсӯзу меҳрубон, хайрхоҳу некандеш, дорои рафтор ва гуфторе аст, ки барои ҳар инсон дар ҳар замону макон ва дар ҳар мақому мавқеъияти беҳтарин сар машқ ва болотарин улгу аст.

Нигори ман ки ба мактаб нарафту хат нанвишт,

Ба ғамза масъала омӯзи сад мударрис шуд.

Китоби ҳозир туҳфае аст, аз зиндагиҳо ва хисоли неки Расули худо (с) ки доктор Мустафо Сибоъӣ (р) онро барои дӯстдорони он ҳазрат гирдовари намуда аст. Бошад ки лаби ташнагони висолаш ва дилбохтагони ҷамолашро таровате бибахшад.

Сабо агар гузари уфтад ба кишвари дӯст,

Биёр туҳфае аз гесӯи муанбари дӯст.

Ба ҷони ӯ, ки ба шукрона, ҷон бар афшонам,

Агар ба сӯи ман ори паёме аз бари дӯст.

Вагар чунончи дар он ҳазратат набошад бор,

Барои дида биёвар ғуборе аз дари дӯст.

Мани гадо ва таманнои висоли ӯ, ҳайҳот,

Магар ба хоб бибинам хаёли манзари дӯст.

Дили санавбариям ҳамчу бед ларзон аст,

Зи ҳасрати қаду болои чун санавбари дӯст.

Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро,

Ба оламе нафурушем мӯе аз сари дӯст.[1]

Мӯҳсин Шайхӣ

[1] - Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ

## <u>Муҳаммад банда ва фиристодаи Худо</u>

Ҳазрати Муҳаммад расули Худо аст, шахсиятеки ҳеҷкасе дар андешаи он нест, ки ҳамонанди у бошад ё дар сафоӣ руҳ ва иртибот бо малакути аъло ва дарёфти ваҳӣ наздик ба у бошад. Шахсияте ки ҳеҷ фарде бо пои ӯ намерасад ва ҳатто наздик ба вай ҳам намешавад, зеро Худованд нубувватро ба василаи ҳазрати Муҳаммад (с) ба итмом расонд ва шариъати ӯро охирин шариъат қарор дод.

Ҳазрати Муҳаммад касе аст, ки ҳар мусалмон орзу дорад пайрави ахлоқ ва пайрави ҳидояташон бошад. Ва андаке аз сабр, ҷиҳод, зуҳд, ибодат, фидокори ва исорашон бархурдор буда ва аз хурок ва пушокашон сармашқи гирифта бошад. Худованд Паёмбарашро бо ин ситойши бузург манзилат бахшида ки мефармояд:

﴿وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ﴾ [القلم ٤]

«Ба Рости ки ту дорои ахлоқи бузург ҳасти» Қалам 4

Биёед девори замонро бишикофем то ба остонаи Муҳаммад (с) Паёмбари инсоният бирасем ва руҳи зиндагии тобнокро дар ҷомеъаи пур аз фидокори ва мардонаги бубинем. Ба гунае ки саргузашташ агар

ҳақиқати инкор нашудани ва воқеъияти тардид нопазир набуд, ба афсонае мемонд.

## **Васфи Паёмбар (с)**

### **Васфи ахлоқи Паёмбар (с)**

Дар бораи васфашон чунин гуфтаанд: Зоҳири тобнок ва чеҳраи нурони дошт, дорои нуре буд, ки вайро бартари мебахшид, гомҳояш дар ҳади ниёз буд ва орому бовиқор бо қадамҳои устувор роҳ мерафт, чашмонашро пойн меандохт, ва ба замин бештар аз осмон назар мекард. Агар бо касе рӯбару мешуд дар салом кардан аз у пеши мегирифт, бидуни ниёз суҳбат намекард, суханашро бо номи Худо оғоз мекард ва бо номи Худо ба поён мерасонд, суханонаш шумурда шумурда ва қотеъ буд ва дар суханонаш беҳудагӯи ва нуқсон роҳ надошт. Фасеҳу балиғ суҳбат мекард, сухани беҳуда намегуфт, ва бе фоида лаб ба сухан намекушод, ҳаргиз аз хуроке бадгуӣ намекард ва ҳеҷвақт ба хотири корҳои дунё, ё ба хотири шахсияти худаш хашмгин намешуд, ва ба хотири худаш интиқом намегирифт, вақтоки хушҳол мебуд чашмонашро поин меандохт ва хандаҳояш табассум буд.

Некуманзартарин, зеборуйтарини мардумон буд, дар бахшиш аз фақр намеҳаросид ва ҳаргиз аз вай чизе талаб нашуд, ки ҷавоби рад диҳад ва ҳаргиз дар байни ду амр мухайяр нашуд, магар инки осонтарини он дуро бармегузид, албатта дар сурате ки нофармони Худо дар он набуд.

Ҳазрати Оиша (р) мегӯяд: Ахлоқаш Қуръон буд.

Ҳазрати Али (р) дар тавсифи Паёмбар мегӯяд: Ҳар ки вайро ногаҳон медид, дучори тарс мешуд ва ҳар кас бо у ошно мешуд дӯсташ медошт.

## <u>Зиндагии шахсияти Паёмбар (с)</u>

Дар пушидани либос ва интихоби ғизо сахти намегирифт, ҳар либосе ки барояш даст медод мепушид, бештар аз либоси маъмули мардум истифода менамуд.

Аммо дар сурати ниёз барои истиқболи ҳайатҳо ё ба муносибати ид либоси хуб ва муносиб мепушид. Аз ҳар хурокеки мавҷуд буд мехурд. Агар гушт ва ширини буд мехурд ва агар танҳо нон ва равған ё сирко, ки мебуд аз хурдани он имтиноъ намекард ва агар хурокеҳам пайдо намешуд гурусна мехобид ва чӣ басо аз шиддати гуруснаги санге бар шикамаш мебаст. Барои хобҳам аз тушаки чарми (мисли

курпача) ки лифи хурмо дар он буд истифода менамуд, бар рӯи ҳасир менишаст ва чи басо барои хобидан ҳам ба он такия мекард.

**Зиндагии Паёмабар (с) дар манзил:**

Дар ҳамнишини ва ҳамсуҳбати бо ҳамсаронаш ширинсухан буд, бо онон бисёр гуфтугу мекард, ахлоқ ва рафтораш ононро мепазируфт, ҳассосият ва руҳияи хоси ононро дар назар мегирифт ва мефармуд:

«خيركم خيركم لأهله»

«Беҳтарини шумо касе аст, ки бо хонаводааш беҳтарин бошад»

Ҳазрати Оиша (р) мегӯяд: Ҳеҷвақт хонаводаи Паёмбар (с) дар рӯзҳо пай дар пай аз нони гандуми сер нашудаанд, гоҳе як моҳ ва гоҳе ду моҳ мегузашт аммо, дар хонаи мо оташ равшан намешуд ва хуроки мо танҳо обу хурмо буд.

Ҳазрати Анас (р.з) мегӯяд: Паёмбар (с) зиреҳашро дар гарав мегузошт то миқдоре чуб барои хуроки хонаводааш таёр кунад.

## **Кор кардани Паёмбар (с) дар манзил**

Аз ҳазрати Оиша (р.з) дар бораи кори Паёмбар (с) дар хона пурсиданд: Паёмбар (с) дар хона чи корҳоро анҷом медод? Гуфт: Паёмбар (с) инсоне ҳамчун дигар инсонҳо буд, кафшҳои худро таъмир мекард, либоси худро медухт, гусфанди худро мечӯшид, корҳоеки як мард дар хона анҷом медиҳад эшон низ анҷом медоданд ва ҳангомеки вақти намоз фаро мерасид аз хона берун мерафт.

## **Рафтори Паёмбар (с) бо ёронаш**

Ҳазрати Анас (р.з) ходими расули Худо мегӯяд: Даҳ сол барои Паёмбари Худо хидмат кардам ҳаргиз нагуфтанд: оҳ аз дасти ту, ва ҳаргиз ба хотири коре ки кардам нагуфтанд: чаро чунин карди? Ва ҳеҷвақт дар бораи коре ки анҷом надодам аз ман савол накард ки чаро анҷом надоди? Ҳеҷгоҳ бо зердастони хеш ба тунди рафтор намекарданд ва ҳеҷвақт занон ва хидматгорони хешро танбеҳ накарданд.

Ҳазрати Абуҳурайра (р.з) ривоят мекунад ки: Бо расули Худо ба бозор рафтем то шалворе бихарад, фурушанда хост дастони Паёмбарро бибӯсад, вале Паёмбар (с) дасташро ақиб кашид ва уро аз кораш манъ кард ва фармуд: "Ин корро аҷамҳо (ғайри арабҳо) дар муқобили подшоҳонашон анҷом

медиҳанд, ман подшоҳ нестам, ман марде аз миёни шумо ҳастам" шалворро бардошт, ман хостам онро барои Паёмбар (с) бардорам вале иҷоза надод ва фармуд: Барои бардоштани ҳарчиз соҳибаш сазовортар аст.

Паёмбар (с) як бор бо гуруҳе дар сафаре буданд, вақти ғизо фаро расид, хостанд то гусфанде барои хурокашон омода кунанд, яке аз онон гуфт: сар буриданаш аз ман! Дигараш гуфт: манҳам пусташро меканам. Сеюмаш гуфт: пухтанаш бо ман. Паёмбар (с) низ фармуд ман ҳезум ҷамъ мекунам, гуфтанд: эй расули Худо, мо кори туроҳам анҷом медиҳем. Фармуд: Медонам шумо кори манро ҳам анҷом медиҳед, вале ман дӯст надорам худамро аз шумо ҷудо кунам.

Яке аз одатҳои расули Худо ин буд, ки узри хатокорро мепазируфт ва ҳеҷ касро бо ном ва лақабеки бадаш меомад садо намезад. Агар аз касе ношойстагӣ медид ё мешунид бидуни инки номи уро бигирад мефармуд: Ҳоли касеки чунин кунад чигуна аст?

Ва ҳамчунин Паёмабари Худо (с) дӯст надошт, ки касе ба хотири у аз ҷояш бархезад, ҳар ҷо ки холи мебуд менишаст, ба бозор мерафт ва мардумро ба

амонатдори супориш медод ва ононро аз фиреб ва хиёнат дар муъомила манъ мекард.

Яке аз одатҳояш ин буд, ки ҳар кас ки дар маҷлиси эшон ҳузур меёфт чунон шод ва хандонру буд ки тасаввур мекард маҳбубтарин фард неши Паёмбар (с) аст. Дар умури сиёси ва ҷанг ва умури дунё бо соҳиб назарон машварат мекард ва ба назарҳояшон гуш медод, агарчи бо ӯ мухолиф ҳам мебуд.

## Хашят (тарсаш аз Худо) ва ибодати Паёмбар (с)

Ҳазрати Муҳаммад (с) муроқабат ва назорати Худоро бисёр эҳсос мекард ва тарси илоҳи дар дили муборакашон бисёр ҷойгир буд.

Эшон бештар вақтҳои худро ба ибодати Худо сипари менамуд, шабҳо бедор ва дар ҳоли рукуъ ва саҷда буд. Ҳазрати Оиша (р) дар ин бора ба ӯ мегӯяд: Чаро инқадар ибодат мекуни дар ҳолеки Худованд гуноҳони пешин ва пасинро барои ту бахшида аст? Дар ҷавобаш мефармояд: Оё бандаи сипосгузоре набошам?

Ҳазрати Муҳаммад (с) Худоро бисёр ёд мекард, хурдан, нушидан, нишастан, бархестан, ва шуруъ ва тамом кардани корҳояш ба номи Худо ва:

Шуруъ ба

بسم الله الرحمن الرحيم

ва чун тамом мекард бо:

(الحمد لله رب العالمين ) онро ба поён мерасонд ва ҳаргиз аз розу ниёз бо Худо хаста намешуд, ва аз ҷумлаи дуъоҳояшон чунин буд:

«اللَّهُمَّ إِنِّي أعوذ بِک مِن عِلمٍ لا يَنفَعُ وعَمَلٍ لا يُرفَع ودُعاءٍ لا يُسمَع»

«Парвардигоро! Аз илмеки фоида нарасонад ва аз амалеки пазируфта нашавад ва аз дуъоеки мустаҷоб нагардад ба ту паноҳ мебарам».

«اللّهُمَّ إِنِّی أسألُک مِن الخَير كُلِّهِ، ما عَلِمتُ مِنهُ ومَا لم أعلَمُ وأعوذُ بِـک مِـن الشَّرِّ كُلِّه، مَا عَلِمتُ مِنهُ وَمَا لَم أعلَم».

«Парвардигоро! Ман ҳамаи хайрро аз ту талаб мекунам, онеро, ки медонам ва онеро, ки намедонам ва Парвардигоро аз ҳама шарр ба ту паноҳ мебарам, онеро, ки худ медонам ва онеро, ки худ намедонам».

«اللَّهُمَّ إنِّی أعوذ بِک مِـن زَوالِ نِعمَتِـک وتَحَـوُّلِ عافِيَتِـک وفجـاءَةِ نَقمَتِـک وجَميـعِ سَخَطِک».

«Парвардигоро! Аз нест шудани неъматат ва дигаргунии офиятат ва азоби ногаҳониат ва аз ҳама хашму ғазабат (қаҳрат) ба ту паноҳ мебарам».

«اللّهُمَّ إِنِّى أعُوذ بِک مِن مُنكرَاتِ الأخلاقِ والأَعمَالِ وَالأهوَاءِ والادواء».

«Парвардигоро! Аз ахлоқи зишт, кирдори нописанд, ҳавои нафс ва дарду ранҷи ногувор ба ту паноҳ мебарам».

## Таваҷҷуҳи Паёмбар (с) ба варзиш ва беҳдоштӣ

Паёмбар (с) даруни пок дошт ва ба рӯи зиндаги механдид, бо ҳазрати Оиша (р) мусобиқа мекард, бозии ҳабашиёнро дар ҷашнҳояшон тамошо мекард, ба либос ва беҳдошти шахсии худҳам хеле таваҷҷуҳ мекард, бисёр истиҳмом менамуд ва хушбуйиро истифода мекард. Агар аз роҳе мегузашт мардум аз бӯи хуши у мефаҳмиданд, ки Паёмбар (с) аз онҷо гузашта аст ва агар касе бо эшон даст медод бӯи хуши ӯро то муддате бар дастонаш эҳсос мекард.

## Мазоҳ ва шӯхии Паёмбар (с)

Паёмбар (с) шӯхии солимро дӯст медошт ва ба латифаи зебо механдид ва бо ёронаш шӯхи мекард, вале шӯхияш рост ва ҳақиқат буд.

Пир зане аз ансор пеши Паёмбар (с) омад ва гуфт: дуъо кун, ки Худо манро бибахшад. Паёмбар (с) фармуд: Магар намедони пиразан вориди биҳишт намешавад? Пиразан шуруъ ба гиристан кард, Паёмбар (с) хандид ва фармуд: Дар он рӯз ту дигар пир нести, магар сухани Худоро нахондаи:

﴿إِنَّآ أَنشَأۡنَٰهُنَّ إِنشَآءٗ ٣٥ فَجَعَلۡنَٰهُنَّ أَبۡكَارًا ٣٦ عُرُبًا أَتۡرَابٗا ٣٧﴾ [الواقعة ٣٥- ٣٧]

«Он занонро Мо биёфаридем, офаридане
Ва дӯшизагон (бикр) сохтем.
Маъшуқи ҳамсарони хешанд» Воқеъа 35- 37
Рӯзе саҳронишине пеши Паёмбар (с) омад ва аз Паёбар (с) хост барои сафаре ки дар пеш дорад шутуре ба ӯ бидиҳад, Паёмбар (с) фармуд: Ман туро ба бачаи шутуре савор мекунам, гуфт: Ман бачаи шутурро чикор кунам? Фармуданд: Магар шутур ба ҷуз бача чизи дигаре мезояд?.

Зане ба номи (Умми Айман) барои ниёзи шавҳараш пеши паёмбар (с) омад, аз ӯ пурсид: Ҳамсарат ки аст? Гуфт: Фалони. Фармуд: Ҳамон ки дар чашмаш сафеди аст? Гуфт: Эй расули Худо дар чашмаш сафеди нест! Фармуд: Чаро дар чашмаш сафеди аст? Он зан зуд ба назди шавҳараш баргашт ва ба чашмони ӯ бо таваҷҷуҳ нигоҳ кард. Шавҳараш пурсид: Чи кор дори? гуфт: Паёмбар (с) ба ман

фармуд ки дар чашмони ту сафеди аст, гуфт: Оё намебини сафедии чашмам аз сиёҳи бештар аст?

Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р.з) мегӯяд: Як бор хидмати Паёмбар (с) рафтам, дидам ки Ҳасан ва Ҳусейн бар пушташ савор шуда буданд ва Паёмбар (с) бо дасту по роҳ мерафтанд ва мегуфтанд: Шутури шумо чи шутури хубе аст!

Яке аз ёрони Паёмбар (с) ба номи Нуъаймон бисёр шахси шӯху ширин сухан буд ва бо расули Худо шӯхи мекард, яке аз шӯхиҳояш ин буд ки ҳар вақт вориди Мадина мешуд чизе мехарид ва барои Паёмбар (с) мебурд ва мегуфт: Эй расули Худо инро барои ту ҳадя овардаам. Ногаҳон соҳибаш меомад ва пулашро аз Нуъаймон талаб мекард ва Нуъаймон уро пеши расули Худо мебурд ва мегуфт: Пули ҷинсашро бидиҳед. Паёмбар (с) мегуфт: Магар ту онро барои ман ҳадя наёварда буди? Ӯ мегуфт: Ба Худо пули онро надоштам, вале дӯст доштам, ки ту уро бихари. Паёмбар (с) механдид ва дастур медод, ки пулашро ба ӯ бидиҳанд.

## **<u>Фурутани ва гузашти Паёмбар (с)</u>**

Бо мардум ҳамчун Паёмбари бузургвор ва роҳбари маҳбуб ва мутавозиъ рафтор мекард, бузургвореки

бузургияш аз ахлоқу рафтораш буд, на аз ҷоҳу мақом ва нуфузаш.

Дар тамоми мароҳили даъваташ Паёмбари мутавозиъ буд, чӣ ҳангомеки мавриди зулму ситам қарор гирифта буд ва чӣ баъд аз ғалаба ва пирӯзи ва чӣ дар замоне ки танҳо буд, ва чӣ дар вақти мушкилот ва сахтиҳо ва чӣ дар қуллаи ифтихор ва пирӯзи, ҳатто баъд аз инки бар Ҷазиратул-араб ғалаба ёфт ва ҳама аз ӯ фармонбардори мекарданд.

Ҳангомеки Худованд фатҳи Маккаро барои ӯ муяссар гардонид ва қурайшиён пас аз бисту се соли ҷанг ва душмани дар баробараш ба зону дар омаданд, дар ҳоле вориди Макка шуд, ки сарашро ба нишонаи тавозуъ дар баробари Худованд ва ситойш ба даргоҳи ӯ поин андохта буд. Мардони Қурайш тарсон пеши ӯ омаданд. Яке аз онон поҳояш аз тарс меларзид. Паёмбар (с) ба у фармуд: Роҳат бош! Ман фарзанди ҳамон зани Қурайшӣ ҳастам, ки гушти хушкшуда мехурд!

Расули Худо ба суханони барда (ғулом), пиразан, бева ва бенаво бо диққат гуш медод. Дар сари роҳ барои ҳар кас, ки қасди суҳбат бо вайро дошт қарор мекард ва ҳар киро медид бо ӯ даст медод ва дасташро раҳо намекард то вақтеки худи он шахс

дасташро раҳо мекард. Аз аҳволи ёронаш бохабари мекард, аз беморон аёдат мекард, ва дар ҷанозаи онон ширкат мекард, ба мушкилоташон гуш медод ва дар ғаму хурсандияшон шарик буд.

## Меҳрубони ва дилсӯзии Паёмбар (с)

Эшон бо кудакон ва занону бенавоён хеле меҳрубон буд. Як бор дар намоз гиряи бачаеро шунид, ки модараш пушти сари ӯ машғули намоз буд, намозашро кутоҳ кард. Дар яке аз ҷангҳо ба ҷанозаи зане бархурд кард, ва сахт нороҳат шуд ва фармуд: Магар шуморо аз куштани занон манъ накарда будам? Ин зан бо шумо намеҷангид!.

Бо ҳайвонот ба ҳадде меҳрубон буд, ки зарфи обро дар даҳони гурба қарор медод. Якбор шутури лоғареро дид, фармуд: Дар мавриди ин чаҳорпоён аз Худо битарсед ва онҳоро сер кунед.

Инҳо ҳама нишонаҳои раҳмату меҳрубони ва дилсӯзии Паёмбар (с) аст, ки аз дохили он бузургвор лабрез шуда буд.

## Ҳамдардиҳои Паёмбар (с) бо мардум

Ҳазрати Фотима (р) рӯзе аз ранҷу заҳмати кори манзил пеши эшон шикоят кард ва аз падар хост, ки

хидматгоре ба ӯ бидиҳад. Паёмбар (с) қабул накард ва фармуд: Дар ҳолеки аҳли Суффа шикамашон аз гуруснаги ба ҳам мепечад, читавр метавонам ба ту хидматгор бидиҳам.

## Зуҳд ва порсоии Паёмбар (с)

Рӯзе ҳазрати Умар (р) назди Паёмбар (с) омад, дид ки эшон бар рӯи ҳасире дароз кашида ва пайи ҳасир бар паҳлуи ӯ намоён аст, ба хонаи Паёмбар(с) нигоҳ кард, ба ҷуз ҷуволе овезон ва каме ҷав дигар чизе наёфт. Ҳазрати Умар (р) шуруъ ба гиристан кард, Паёмбар (с) фармуд: Эй писари Хаттоб чӣ чиз туро ба гиря андохт? Гуфт: Эй расули Худо чигуна гиря накунам! Ин ҳасиреки дар паҳлуи ту асар ниҳода ва он ҳам хонаат, тамоми чизе ки дар хонаат аст, мебинам ва он тараф подшоҳони Эрону Рум дар нозу неъмат ба сар мебаранд, дар ҳолеки ту Паёмбари Худо ва фиристодаи Ӯ ҳасти.

Паёмбар (с) фармуд: Эй писари Хаттоб, оё дар он шакке дори? Онон касоне ҳастанд ки ҳама чизи худро дар дунё гирифтаанд.

Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ҳам дар чунин вазъе хидмати Паёмбари Худо расид, ба ӯ гуфт: Чаро иҷоза намедиҳи чизеро барои шумо бар рӯи ҳасир бияндозам? Фармуд: Манро ба дунё чи кор? Мисоли

ман ва дунё мисоли мусофире аст, ки дар сояи дарахте менишинад ва пас аз истироҳати андаке онҷоро тарк мекунад.

## **<u>Инфоқ ва бахшиши Паёмбар (с)</u>**

Бахшиш ва инфоқи Паёмбар (с) ҳадду ҳудуде надошт ва ҳаргиз чизеро захира ва анбор намекард ва ҷӣ басо қарз мегирифт то онро ба ниёзмандон бибахшад ва дар бахшиш аз фақру танг дасти намеҳаросид.

Вақтоки Паёмбар (с) аз дунё рафт дирҳам ва диноре надошт, дар ин бора ҳам мефармояд: Мероси мо Паёмбарон ба касе намерасад ва ончи барҷой бигузорем садақа аст. Ёрони у таъбири зебое аз у доштанд, мегуфтанд:

"Паёмбар (с) аз боди ва765анда бахшандатар аст".

## **<u>Адолат ва қотеъияти Паёмбар (с) дар иҷрои ҳақ</u>**

Паёмбари Худо (с) дар баробари ҳақ дӯсту хешовандонро намешинохт, ва ҳама пеши ӯ яксон буданд ва ҳама дар баробари Худо ва шариъат масъули аъмоли худ буданд.

Зане аз қабилаи Бани Махзум, ки қавми соҳиб насаб буданд, гирифтори дузди шуд, хабар ба Паёмбар (с) расид ва он зан эътироф кард, наздиконаш тарсиданд

аз инки Паёмбар (с) ӯро муҷозот кунад ва расво шаванд, пеши Усома писари Зайд (р) рафтанд, машҳур буд ки Паёмбар (с) Усома ва падаршро бисёр дӯст медорад, ба ӯ гуфтанд назди Паёмбар (с) барои он зан шафоъат кунад. Усома (р) дар ин маврид бо Паёмбар (с) суҳбат кард, Паёмбари Худо сахт нороҳат шуд ва фармуд: Оё барои иҷро нашудани ҳаде аз ҳудуди Худованд шафоъат мекуни? Сипас мардумро ҷамъ кард ва барои онҳо хутбае тақдим намуд ва фармуд: Эй мардум пеш аз шумо касоне ҳалок шуданд ба сабаби инки агар фарди машҳур ва бузурге аз онон дузди мекард, ӯро раҳо мекарданд ва агар нотавон ва заъифе муртакиби дузди мешуд, ӯро муҷозот мекарданд. Қасам ба Худо агар духтарам (Фотима (р)) дузди карда буд, дасташро қатъ мекардам.

**<u>Шуҷоъати Паёмбар (с) дар ҷангҳо:</u>**

Авҷи ин манзари шигифтангез дар ҷангҳо ҳангоме намоён мешуд, ки худи эшон фармондеҳии ҷангро бар уҳда мегирифт ва дар майдони корзор фуру мерафт ва мусалмононро бар ҷанг дар роҳи Худо ва барои пирӯзии рисолате ки бар уҳда гирифта буд ва ба он имон оварда буд ташвиқ мекард.

Эшон ҳеҷвақт аз майдони ҷанг фирор накардаанд, ҳатто дар ҷанги Уҳуд вақтоки бештари мусалмонон шикаст хурда буданд, эшон собит қадам ҳамчунон дар баробари тирборони душманон истода буд ва меҷангид ва мубориза мекард.

Дар ин бора ҳазрати Али (р) ки худ ҷанговари шуҷоъ буд, мегуяд: Вақтоки чашмҳо ба хун менишастанд ва оташи  ҷанг забона мекашид мо ба расули Худо паноҳ мебурдем ва ҳеҷ кадоми аз мо наздиктар аз Паёмбар (с) ба душман набуд.

**<u>Ишқ ва алоқаи Паёмбар (с) ба адои вазифа ва тиблиғи рисолаташ:</u>**

Паёмбар (с) аз ҳеҷ василае барои таблиғи рисолаташ фуругузори накард ва душманонаш ҳам аз ҳеҷ василае барои боздоштан аз даъваташ дареғ накарданд, вале бо вуҷуди он ҳама найрангу таҳдид ҳамчунон собитқадам истодаги кард  ва ба амакаш (Абутолиб) он ҷавоби машҳурро дод ки: Қасам ба Худо агар офтобро дар дасти ростам ва моҳтобро дар дасти чапам қарор диҳанд, ки аз ин даъват даст бардорам, ҳаргиз раҳояш нахоҳам кард, то инки Худованд онро пирӯз гардонад, ё дар роҳи он  кушта шавам.

Ҳангомеки рӯйи муборакаш дар ҷанги Уҳуд захми ва дандони муборакаш шикаста шуд, ба ӯ гуфтанд: Чаро онҳоро дуъо накарди? Фармуд: Ман барои нафрин кардан фиристода нашудаам, балки доъии хайр ва раҳмат ҳастам фармуд: Парвардигоро! Қавмамро биёмурз чунки онон намедонанд.

**<u>Дар поён:</u>**

Лозим ба ёдоварист, ки инҳо танҳо тасовири мухтасаре аз ахлоқи Паёмбар (с) аст, ки ҳақиқати шахсияти эшонро дар он мебинем, аммо дар мавриди дигар ҷавониби ахлоқияшон аз ҷумла вафодори, амонатдори, ҳаё, ихлос, садоқат, покдомани, сиёсатмадори, хуш рафтори бо ҳамсоя ва фасоҳат ва... сухбат намекунем, ки инҳо ҳам дар навбати худ асари фаровоне дар роҳнамои ва ҳидояти қавмаш ба сӯи хайру ҳақиқат ва каромату саъодат доштанд.

Субҳонакаллоҳума ва биҳамдика ашҳаду алла илоҳа илла анта астағфирука ва атубу илайк.